Замимаи №1 ба фармоиши Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_18_» __06____ соли 2014 №_179____

# Тартиби
# таъмини дастрасии кормандони мақомоти андоз ба истифодабарии барномаҳои компютерии «Системаҳои иттилоотии андоз»

## I. Муқаррароти умумӣ

1. Тартиби мазкур тибқи талаботи банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, татбиқи дуруст ва мақсадноки таъмин намудани дастрасии кормандони мақомоти андоз ба истифодабарии барномаҳои компютерии “Системаҳои иттилоотии андоз”-ро муайян менамояд.
2. Иҷрои муқаррargardидаи тартиби мазкур барои ҳамаи кормандони мақомоти андоз ҳатмӣ мебошад.

## II. Таъиноти истилоҳоти дар Тартиби мазкур истифодашаванда

3. Дастрасӣ – усул ва воситаи пайвастшавии истифодабаранда бо барномаҳои компютерии “Системаҳои иттилоотии андоз”.
4. Истифодабаранда – корманди мақомоти андоз, ки ба у барои истифодабарии барномаҳои компютерии “Системаҳои иттилоотии андоз” тибқи тартиби мазкур “дастрасӣ” таъмин карда шудааст.
5. Логин (Login) – номгӯи мухтасари баҳисобгирифташудаи “истифодабаранда” ба ҳисоб рафта, муносибат ва ҳуқуқҳои дастрасии “истифодабаранда”-ро муайян менамояд.
6. Рамз (пароль -*parole*) — ин калимаи махфӣ ё маҷмӯи аломатҳо ба ҳисоб рафта, барои тасдиқкунӣ ва ҳуқуқҳои дастрасии «истифодабаранда»-ро ба истифодабарии барномаҳои компютерии “Системаҳои иттилоотии андоз” муайян менамояд. Рамз барои таъмини бехатарии маълумот ва пешгирии дастрасии беиҷозат истифода мешавад.

## III.Тартиб ва қоидаҳои таъмини дастрасии кормандони мақомоти андоз ба истифодабарии барномаҳои компютерии «Системаҳои иттилоотии андоз»

7. Дастрасии кормандони мақомоти андоз ба истифодабарии барномаҳои компютерии “Системаҳои иттилоотии андоз” аз тарафи кормандони мутассадии КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» дар асоси фармоиши ба мансаб таъин шудани корманд таъмин карда мешавад.

8. Ҳангоми ба мансаб таъин шудани корманд худи ҳамон рӯз нусхаи фармоиш аз тарафи Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Кумитаи андоз ба КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» бо гирифтани имзои корманди мутассадии КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» супорида мешавад. Аз тарафи КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» дар мӯҳлати як шабонарӯз корманди мақомоти андоз бо "логин" ва "рамз"("парол") барои истифодабарии барномаҳои компютерии "Системаҳои иттилоотии андоз" таъмин карда мешавад.

9. Бо мақсади таъмини масъулияти кормандони мақомоти андоз барои истифодабарии барномаҳои компютерӣ ба ҳар як корманд логини муайян таъмин карда мешавад, "логин" такрорнашаванда буда, истифодабарии як "логин" аз ҷониби якчанд кормандони мақомоти андоз қатъиян манъ мебошад. Дар ҳолати аз ҷониби корманд иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани муқаррароти тартиби мазкур, риоя накардани сирри давлатӣ, хизматӣ, андозӣ, тиҷоратӣ ва бонкии бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда, сӯиистифода аз мансаби хизматӣ ва дигар амалҳои зиддиҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии интизомӣ, маъмурӣ ё ҷиноятӣ кашида мешавад.

10. "Логин" ба кормандони мақомоти андоз як маротиба таъмин карда мешавад ва дар ҳолати ҷойивазкунии корманд "логин" тағйир дода намешавад. Дар мавриди ҷойивазкунии корманд, танҳо дастрасӣ ба истифодабарии барномаҳои компютерии муайян тибқи фармоиши Раиси Кумитаи андоз ва сардорони мақомоти ҳудудии андоз вобаста ба мансаби ишғолнамудаи корманд таъмин карда мешавад.

11. Баъди ба иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ оғоз намудани корманди нав таъиншуда Сардори шуъба ва ё бахш тибқи тартиби муқаррарнамудаи фармоиши Кумитаи андоз аз 10 январи соли 2013 таҳти № 9 бо гузориш оиди вобаста намудани корманд ба минтақаи муайяни корӣ ва андозсупорандагони мушаххас ба сардорони мақомоти ҳудудии андоз муроҷиат менамояд. Дар давоми ду рӯзи корӣ дар зери назорати сардори мақомоти ҳудудии андоз ба корманди нав таъиншуда вобаста намудани минтақаи муайяни корӣ ва андозсупорандагони мушаххас барои корбарӣ бо барномаҳои компютерӣ аз тарафи Сардорони шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо анҷом дода мешавад.

12. Таъмини дастрасии кормандони мақомоти андоз ба истифодабарии барномаҳои компютерии "Системаҳои иттилоотии андоз" дар асоси фармоиши таъиншудани корманд, инчунин ҷиҳати иҷрои талаботи фармоиши Кумитаи андоз аз 10 январи соли 2013 таҳти № 9 андозсупорандагони мушаххас, ки ба корманди мақомоти андоз вобаста шудааст, тибқи ҷадвали 1 дар замимаи 2 дарҷ гардида амалӣ карда мешавад.

13. Бо мақсади таъмин намудани гуруҳбандии андозсупорандагон, ба сардорони Шуъбаҳои ташкили андозбандии гурӯҳи хизматрасонӣ (шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки тибқи Шаҳодатнома фаъолият менамоянд) ва сардорони Шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳои мақомоти андоз, барои гуруҳбандии андозсупорандагон ҳангоми интихоби низомҳои андозбандӣ ба шахсони зикршуда дар

барномаи компютерӣ (СИА «Баҳисобгирии андозҳо аз шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ») иҷозат дода мешавад.

14. Ба Сардорони мақомоти ҳудудии андоз дастрасии азназаргузаронӣ дар барномаҳои компютерӣ “Системаҳои иттилоотии андоз” барои назорат аз болои зердастони худ ва андозсупорандагон иҷозат дода мешавад.

## IV. Тартиб ва талабот ҳангоми ҷойивазкунии корманд ё аз мансаб озод намудан

15. Ҳангоми аз мансаби ишғолнамуда озод намудан ё ҷойивазкунии корманд бо мақсади саривақт қатъ намудани дастрасии корманд ба истифодабарии барномаҳои компютерӣ “Системаҳои иттилоотии андоз” бо таври хатмӣ худи ҳамон рӯз нусхаи фармоиш оиди озод намудан аз мансаби ишғолнамуда аз тарафи Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Кумитаи андоз ба КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» бо гирифтани имзои корманди мутассадии КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» супорида мешавад.

16. Бахшҳои кадрӣ дар раёсатҳои андоз дар вилоятҳои ВМКБ, Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе, нозироти андозсупорандагони калон, нозироти андозсупорандагони миёна ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ вазифадоранд, ки нусхаи фармоиши сардорони ин мақомот оиди аз мансаби ишғолнамуда озод намудан ё ҷойивазкунии корманд худи ҳамон руз ба Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Кумитаи андоз дастрас намоянд.

17. Сардорони нозиротҳои андоз вазифадоранд, ки ҳангоми ҷойивазкунии минтақаи кории (хизматрасонии) корманд фармоиши дахлдор ба тасвиб расонида, ба таври ҳатмӣ нусхаи фармоишро худи ҳамон рӯз ба КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» пешниҳод намоянд.

18. Ҳангоми аз иҷрои вазифаҳои мансабӣ дур кардани корманд бо сабаби ошкор кардани қонунвайронкунӣ, гузаронидани санҷишҳои хизмат ва дигар ҳолатҳои номатлуб, раёсатҳои андоз дар вилоятҳои ВМКБ, Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе, нозироти андозсупорандагони калон, нозироти андозсупорандагони миёна ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, инчунин раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз вазифадоранд, ки оиди қатъ намудани дастрасии корманд ба истифодабарии барномаҳои компютерии “Системаҳои иттилоотии андоз” бо гузориш ба Роҳбарияти Кумитаи андоз муроҷиат намоянд.

19. Ҳангоми бо сабабҳои узрнок (рухсати меҳнатӣ, беморӣ, такмили ихтисос ва ҳоказо) тибқи тартиби муқаррарнамудаи фармоиши Кумитаи андоз аз 10 январи соли 2013 таҳти № 9 Сардорони мақомоти ҳудудии андоз вазифадоранд, ки дар давоми як рузи корӣ мувaққатан минтақаи корӣ ва андозсупорандагони вобастагардидаро, ба дигар шахси масъул вобаста намуда, нусхаи фармоиши иловагиро ба КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» ва Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо дастрас намояд.

20. КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» феҳристи фармоишҳо оиди қабул, озод ва ҷойивазкунии корманди мақомоти андозро ташкил намуда, тавассути воситаҳои электронӣ ба мақомоти андози дахлдор

барои сари вақт иҷро намудан оиди додани дастрасӣ ва ё қатъ кардани дастрасӣ ба барномаҳои компютерӣ ирсол менамояд.

## V.Таъмини дастрасии кормандони мақомоти андоз ба истифодабарии «Почтаи электронӣ»

21. Барои иҷрои вазифаҳое, ки ба фаъолияити кории кормандони мақомоти андоз алоқаманд мебошанд, “дастрасӣ” ба истифодабарии почтаи электронӣ таъмин карда мешавад. Истифодабарии почтаи электронии Кумитаи андоз барои мақсадҳои дигар манъ мебошад.

22. Дастрасӣ ба истифодабарии почтаи электронӣ аз тарафи КВД “Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз” дар асоси фармоиши таъиншудани корманди нав таъмин карда мешавад.

23. Почтаи электронӣ моликияти Кумитаи андоз ба ҳисоб рафта танҳо ба манфиати мақсадҳои хизматӣ истифода бурда мешавад. Маълумотҳое, ки дар почтаи электронӣ вуҷуд доранд бо талаботи Роҳбарияти Кумитаи андоз ва ё Сардорони нозиротҳои андоз, бе ягон огоҳии “истифодабаранда” тафтиш карда мешаванд.

24. Дар ҳолати ошкор намудани нодуруст истифодабарии почтаи электронӣ, ки ба сервери Кумитаи андоз зарарнок мебошад, КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» вазифадор аст, ки ба роҳбарияти Кумитаи андоз ахборот пешниҳод намояд.

25. Ҳангоми ошкор намудани истифодабарии нодуруст ва ё дигар ҳолатҳое, ки дар қоидаҳои коргузорӣ ва гардиши ҳуҷҷатҳои мақомоти андоз муайян карда шудаанд, “дастрасӣ” ба истифодабарии почтаи электронӣ бе огоҳии истифодабаранда қатъ карда мешавад.

## VI. Таъмини бехатарии барномаҳои компютерии “Системаҳои иттилоотии андоз”

26. Бо мақсади таъмини бехатарии барномаҳои компютерии “Системаҳои иттилоотии андоз” КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» вазифадор аст, ки ҳамзамон ба корманди нав ба мансаб таъиншуда “логин” ва “рамз” (“парол”) оиди дастрасӣ ба истифодабарии барномаҳои компютерӣ дода шавад, инчунин ҳармоҳа рамзи кормандонро иваз намуда оиди рамзи нав ба воситаи телефони мобилӣ тариқи “SMS-хабар” огоҳ намояд, дар ҳолати набудани телефони мобилӣ ба тариқи почтаи электронӣ ирсол карда мешавад.

27. Раёсатҳои андоз дар вилоятҳои ВМКБ, Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе, нозироти андозсупорандагони калон, нозироти андозсупорандагони миёна ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ вазифадоранд, ки оиди дурустии рақами телефони мобилии кормандон, инчунин ивазшавии рақами телефонҳо ба КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» то санаи охири моҳи ҳисоботӣ ахборот пешниҳод намоянд.

Замимаи №2 ба фармоиши Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_18_» __06____ соли 2014 №_179____

**Таъмини дастрасии кормандони мақомоти андоз**
**ба истифодабарии барномаҳои компютерии "Системаҳои иттилоотии андоз"**

Ҷадвали 1

| № | Системаҳои иттилоотии андоз | Мансаб, вазифа | Дастрасӣ (доступ) |
|---|---|---|---|
| 1. | СИА «Бақайдгирии андозсупорандагон» СИА "Рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан (РСБ)" | Сардори Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо, Сардорони шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо дар Дастгоҳи марказӣ, вилоятҳои ВМКБ, Суғду Хатлон, шаҳру ноҳияҳо | Азназаргузарони |
| | | Мутахассиси пешбари шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо | Истифодабарии пурра |
| 2. | СИА «Бақайдгирии шахсони ҳуқуқи ва соҳибкорони инфиродӣ" Феҳристи ягонаи давлати" (Равзанаи ягона) | Сардори Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон, сардорони шуъбаҳо, кормандони шуъбаи бақайдгирии андозсупорандагон дар Дастгоҳи марказӣ | Азназаргузарони нисбати нозиротҳои мақомоти андоз |
| | | Сардорони шуъба дар вилоятҳои ВМКБ, Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, ноҳияҳо | Азназаргузарони |
| | | Мудири бахш, Мутахассиси пешбар, Мутахассис | Истифодабарии пурра |
| 3. | СИА "Андоз аз арзиши иловашуда ва пайгирии ҳисобнома фактураҳо" (ААИ ва ПҲФ) | Сардори Раёсати ташкили андозбанди, Сардори Шӯъбаи ташкили андозҳои ғайримустақим, кормандони шуъбаи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ дар Дастгоҳи марказӣ | Азназаргузаронии нозиротҳои мақомоти андоз |
| | | Сардорони шуъбаи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ | Истифодабарии пурра |
| | | Мудири бахши ноҳияҳои Нозироти андозсупорандагони миёна дар мақомоти андоз | Азназаргузарони |
| 4. | СИА «Баҳисобгирии андозҳо аз шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Сардори Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо, кормандони Шӯъбаи коркарди эъломияҳо ва маълумотҳо оид ба объектҳои андозбандии дар Дастгоҳи марказӣ | Азназаргузарони |
| | | Сардорони шуъба, шахсони ҳуқуқӣ - вобаста ба гуруҳи шахсони ҳуқуқӣ,соҳибкорони инфиродӣ вобаста ба гуруҳи соҳибкорони инфиродӣ | Азназаргузарони. Дохил намудани маълумот |
| | | Кормандони шуъбаҳо, тибқи тақсимоти вобаста ба мансаби ишғолнамуда | Истифодабарии пурра |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 5. | СИА «Баҳисобгирии андозҳои соҳибкорони инфиродие, ки тибқи Ша ходатнома фаъолият мекунанд» | Сардори Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо, кормандони шуъбаи Шӯъбаи коркарди эъломияҳо ва маълумотҳо оид ба объектҳои андозбандии дар Дастгоҳи марказӣ.<br>Сардорони шуъба, вобаста ба гуруҳи соҳибкорони инфиродие, ки тибқи Ша ходатнома фаъолият мекунанд» | Азназаргузарони. Дохил намудани маълумот |
| | | Кормандони шуъбаҳо, тибқи тақсимоти вобаста гардида ба андозсупорандагон | Истифодабарии пурра |
| 6. | СИА "Баҳисобгирии андозҳо-шахсони воқеӣ" | Сардори Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо, кормандони шуъбаи Шӯъбаи коркарди эъломияҳо ва маълумотҳо оид ба объектҳои андозбандии дастгоҳи марказӣ. Сардор ва кормандони Шӯъбаи ташкили андозбандӣ аз рӯи низомҳои махсус ва амволи Раёсати ташкили андозбандии дар Дастгоҳи маркази | Азназаргузарони |
| | | Сардорони шуъбаи андозбандӣ аз рӯи низомҳои махсус ва амвол | Азназаргузарони Дохил намудани маълумот |
| | | Кормандони шуъбаҳои андозбандӣ аз рӯи низомҳои махсус ва амвол | Истифодабарии пурра |
| 7. | СИА «Баҳисобгирии андозҳои соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият мекунанд» | Сардори Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо, кормандони Шӯъбаи коркарди эъломияҳо ва маълумотҳо оид ба объектҳои андозбандии дастгоҳи марказӣ. Сардор ва кормандони Шӯъбаи ташкили андозбандӣ аз рӯи низомҳои махсус ва амволи Раёсати ташкили андозбандӣ дар Дастгоҳи маркази | Азназаргузарони |
| | | Сардорони шуъба, вобаста ба гуруҳи соҳибкорони инфиродие, ки тибқи Патент фаъолият мекунанд | Азназаргузарони Дохил намудани маълумот |
| | | Кормандони шуъбаҳо дар мақомоти андоз, ки вобаста ба гуруҳи соҳибкорони инфиродие, ки тибқи Патент фаъолият мекунанд | Истифодабарии пурра |
| 8. | СИА «Бакайдгирӣ ва назорати МНХ дорои хотираи фискали» | Сардори Раёсати хизматрасони ба андозсупорандагон ва кормандони шубаҳои раёсати мазкури Дастгоҳи марказӣ | Азназаргузарони |
| | | Сардорони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродӣ дар мақомоти андоз | Истифодабарии пурра |
| 9. | СИА «Идоракунӣ ва | Сардори Раёсати ситонидани (рӯёнидани) қарзи андозҳо, | Азназаргузаронӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | мониторинги қарзи андозҳо» | Сардорони шуъбаҳои назорати ситонидани бақияи қарзи андозҳои Дастгоҳи марказӣ | |
| | | Мутахассиси пешбар | Ворид намудани тағйиру иловаҳо |
| | | Мутахассис | Корбарӣ бо огоҳнома |
| 10. | СИА «Таҳлил ва аудит» | Сардори Раёсати санҷиши андозҳо ва Сардори | Азназаргузаронӣ |
| | | Сардорони шуъбаҳо ва кормкандони шуъбаҳои санҷиши андозҳо дар вилоятҳои ВМКБ, Сугду Хатлон, шаҳру ноҳияҳо | Дохил намудани маълумот |
| 11. | СИА «Муоинаи хронометражи» | Сардори Раёсати санҷиши андозҳо, Сардор ва кормандони Шӯъбаи муоинаи хронометражӣ, назорати амалиёти андозӣ ва МНХ Дастгоҳи марказӣ | Азназаргузаронӣ |
| | | Сардорони шуъбаҳои муоинаи хронометражӣ дар вилоятҳои ВМКБ, Сугду Хатлон, шаҳру ноҳияҳо | Азназаргузаронӣ Дохил намудани маълумот |
| | | мутахассиси шуъбаи муоинаи хронометражӣ | Истифодабарии пурра |
| 12. | СИА «Назорат оиди баҳсҳои андозӣ дар судҳо ва парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» | Сардори Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Сардор ва кормандони Шӯъбаи таъмини ҳуқуқии Дастгоҳи марказӣ | Азназаргузаронӣ |
| | | Сардорон ва кормандони шуъбаҳои таъмини ҳуқуқӣ дар вилоятҳои ВМКБ, Сугду Хатлон, шаҳру ноҳияҳо | Азназаргузаронӣ Дохил намудани маълумот |
| | | мутахассисони шуъбаи таъмини ҳуқуқӣ | Истифодабарии пурра |
| 13. | СИА «Хронометраж дар қисми мониторинги фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ» | Сардори Раёсати санҷиши андозҳо, Сардорон ва кормандони Шӯъбаи муоинаи хронометражӣ, назорати амалиёти андозӣ ва МНХ Дастгоҳи марказӣ | Азназаргузаронӣ |
| | | Сардорони шуъба дар вилоятҳои ВМКБ, Сугду Хатлон, шаҳру ноҳияҳо | Азназаргузаронӣ |
| | | мутахассисони шуъбаи муоинаи хронометражӣ | Истифодабарии пурра |
| 14. | СИА "Ҳисоботҳо" | Сардорон ва кормандони Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ | Азназаргузаронӣ |
| | | Сардорони шуъба ва кормандони м ақомоти андоз дар вилоятҳои ВМКБ, Сугду Хатлон, шаҳру ноҳияҳо | Азназаргузаронӣ |
| | | мутахассиси шуъба | Истифодабарии пурра |
| 15. | СИА "Таҳлили хавфҳо" | Сардорон ва кормандони Раёсатҳо ва Шуъбаҳои Дастгоҳи марказӣ, Сардорони шуъбаҳои санҷиши андозҳо дар нозиротҳои андози НТҶ | Азназаргузаронӣ |
| | | Мутахассиси Шӯъбаи нақшабандии санҷишҳо аз рӯи омили хавфҳои Раёсати санҷиши андозҳои Дастгоҳи марказӣ | Истифодабарии пурра |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 16. | СИА «Мубодилаи маълумотҳо» | Сардорони шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо, дар Дастгоҳи марказӣ, вилоятҳои ВМКБ, Сугду Хатлон, шаҳру ноҳияҳо | Азназаргузарони |
| | | Мутахассиси пешбари шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо | Истифодабарии пурра |
| 17. | СИА "Қабули пардохт аз операторони амонатбонк" | Сардори Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо, Сардорон ва кормандони Шӯъбаи коркарди эъломияҳо ва маълумотҳо оид ба объектҳои андозбандӣ дар Дастгоҳи марказӣ, Сардорони шуъбаҳои коркарди эъломияҳо ва маълумотҳо оид ба объектҳои андозбандӣ дар вилоятҳои ВМКБ, Сугду Хатлон, шаҳру ноҳияҳо тибқи тақсимоти вобаста гардида | Азназаргузарони |
| | | Мутахассиси пешбари шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо | Истифодабарии пурра |
| 18. | Барномаи компютерии «Гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузории электронӣ» | Сардорони Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, Сардори шуъбаи Гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ дар Дастгоҳи марказӣ | Азназаргузарони |
| | | Сармутахассис, мутахассиси шуъбаи Гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузории Дастгоҳи марказӣ | дохилкунии маълумот |